Суратҷаласаи №9 ҷаласаи васеи

кафедраи филологияи Эрон аз таърихи 14.05.2022

Иштирок доштанд: мудири кафедраи филологияи Эрон профессор Сафаров У., Назарзода С., мудири кафедраи таърихи забон ва типология Камолзода Х, профессорони кафедраи мазкур Хоҷаев Д., Саломиён М., Мухторов З, мудири кафедраи забони тоҷикӣ Дӯстзода Ҳ., профессори кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ Мамадназаров А., ва дигар аъзои кафедра.

Рӯзномаи маҷлис:

1. Муҳокимаи рисолаи доктории унвонҷӯи кафедраи филологияи Эрон, дотсент Шодиев Рустамхон Азизулоевич дар мавзуи "Пажуҳиши этнолингвистии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб" (таҳқиқи таърихӣ ва ҳамзамонӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз руйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар маҷлиси васеи кафедраҳои филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупо ва кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филология.

Баромад карданд: Ҷаласаро и.в. мудири кафедраи филологияи Эрон профессор Сафаров Умархоҷа ифтитоҳ намуда, рӯзномаи ҷаласаро ба ҳозирин эълон намуд. Сипас, сухан ба унвонҷӯ Шодиев Р. А. дода шуд. Рисоланавис муҳимтарин нуктаҳои диссертатсияро баён намуд.

Мубрамияти рисолаи илмии мавриди назар пеш аз ҳама дар он аст, ки дар забоншиносии тоҷик бори нахуст гӯйишҳои як минтақаи васеи Тоҷикистон аз нуқтаи назари этнолингвистӣ ё пайванд бо суннатҳои мардумӣ дар шакли диссертатсияи докторӣ мавриди баррасӣ ва пажуҳиши илмӣ қарор мегирад. Инчунин, дар робита ба гӯйишҳои минтақаҳои Тоҷикистон аз нуқтаи назари этнолингвистӣ ва гӯйишҳои

минтақавӣ ҳамчун як ҷузъи том ҳанӯз таҳқиқоти маҷмуӣ сурат нагирифтааст ва таълифи диссертатсияи мавриди назар дар ин замина холигоҳи пажуҳиширо пур мекунад.

Объекти таҳқиқ муносибати этнолингвистии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб буда, он дар чорчӯби илми этнолингвистикаи муосир аз нуқтаи назари забон ҳамчун объекти лингвистика, гӯйишҳо ва нақши он дар этнолингвистика, пайдоиши гӯйишҳои минтақавӣ дар забони тоҷикӣ, вазъи забонии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб дар марҳилаҳои гуногуни рушди забон, таҳлили мавзуӣ ва маъноии гурӯҳҳои мавзуӣ ва вожагонӣ, таҳқиқи вожаҳои хосси гӯйишҳои Кӯлоб ва робитаи гӯйишҳо бо эҷодиёти шифоҳии мардум мебошад.

Асосҳои назарии таҳқиқ осори донишмандони ватаниву хориҷӣ оид ба этнолингвистика, муносибати забон ва ҷомеа, гӯйишҳои гуногуни забон, пайдоиши гӯйишҳои минтақавӣ, хусусиятҳои хосси лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ва махсусан гӯйишҳои Кӯлоб буда, дар оянда барои пажуҳиши пурвусъати этнолингвистӣ дар забони тоҷикӣ мусоидат мекунад. Натиҷаи пажуҳиши илмӣ дар бораи гӯйишҳои минтақавӣ дар намунаи гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб барои муайян кардани самтҳои мухталифи этнолингвистӣ дар сохтори забон аҳаммияти бузурги илмию амалӣ дорад.

Навгонии илмии таҳқиқи мавриди назар пеш аз ҳама аз он иборат аст, ки бори аввал дар забоншиносии тоҷик гӯйишҳои минтақавӣ дар намунаи гӯйишҳои Кӯлоб аз лиҳози этнолингвистӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия бори нахуст ҳампайвандии забону фарҳанги тоҷикӣ дар заминаи гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб ба таври илмӣ таҳқиқ шудааст. Илова бар ин, дар диссертатсия бори аввал оид ба вазъи забонии минтақаи Кӯлоб дар се давраи таърихии рушди забони тоҷикӣ, дигаргуниҳои таърихии номҳои ҷуғрофии ин минтақа, гурӯҳҳои мавзуӣ ва қолабҳои сохтории вожаҳои хосси гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб таҳқиқ анҷом пазируфтааст.

Ҷанбаи дигари муҳимми диссертатсия аз он иборат аст, ки ба таҳқиқоти минбаъда дар заминаи этнолингвистикаи гӯйишҳои дигар минтақаҳои мамлакат роҳ боз мекунад.

Натиҷаҳои амалии рисоларо метавон зимни таълифи китобҳои илмӣ ва дастурҳои таълимӣ оид ба этнолигвистика, лаҳҷашиносӣ, топонимика ва дарсҳои амалии донишҷӯёни факултетҳои филологӣ мавриди истифода қарор дод. Маводи диссертатсия ҳангоми навиштани китобҳои илмию дарсӣ аз этнолингвистика (забоншиносии қавмӣ), мардумшиносӣ, номҳои ҷуғрофӣ ва ғайра метавонад ҳамчун манбаъ истифода бурда шавад.

Баъди шарҳи муҳтавои рисола бахши саволу ҷавоб ва муҳокима оғоз гардид. Дар ин бахш профессори кафедраи таърихи забон ва типология Хоҷаев Д. доир ба корҳои аз ҷониби муҳаққиқ анҷомёфта изҳори назар намуда, ҳамчунин чор савол дод:

-Савол. Истилоҳҳои шева, гӯйиш, диалект ва лаҳҷаро мушаххас гӯед ва истифодаи кадоми онро тавсия медиҳед?

-Ҷавоб: Ин масъала баҳсбарангез аст ва солҳои зиёдест, ки дар мавзуи истифодаи истилоҳҳои шева ва лаҳҷа байни донишмандон баҳс мерафт. Баъзеҳо аз истилоҳи “шева” ва бархе аз истифодаи истилоҳи “лаҳҷа” ҷонибдорӣ мекарданд. Имрӯз ба ин ду истилоҳ вожаи нав “гӯйиш” изофа шудааст. Ман фикр мекунам, ки корбурди истилоҳҳои “гӯйиш” ва “лаҳҷа” дар давраи гузариш бо ҳам баробар ба маънои “диалект” мувофиқи мақсад аст. Вале дар ояндаи наздик барои ҳамгунсозии истилоҳот вожаи “гӯйиш”-ро ҳамчун баробарниҳодаи истилоҳи “диалект” қабул кардан мумкин аст.

-Савол. Татбиқи илми этнолингвистика дар кадом соҳаҳо ба назар мерасанд?

-Ҷавоб: Соҳаи татбиқи этнолингвистика хеле густурдаву васеъ буда, вобаста ба самти асосӣ, дар он омӯзиши самтҳои маърифатӣ, иртиботӣ, забоншиносии иҷтимоӣ ва фолклориро ҷудо кардан мумкин аст. Бар

замми ин, пажуҳишгари рус А. Герд этнолингвистикаи ҳамзамонӣ ва таърихиро ба таври ҷудогона баррасӣ мекунад.

-Савол. Аз таҳқиқотҳои анҷомдодаи Ҷ. Алимӣ дар рисола истифода кардаед?

-Ҷавоб: Бале, аз асару мақолаҳои устод Ҷ. Алимӣ, ки ба топонимияи минтақаи Кӯлоб бахшида шудааст, истифода кардаам.

-Савол. Григорев А. мутахассиси лаҳҷашинос аст, аз асарҳои он кас истифода кардед?

-Ҷавоб: Бале, истифода кардаам. А. Д. Григорев этнограф, фолклоршинос ва лаҳҷашиноси рус, ки дар масоили гуногуни лаҳҷашиносӣ фикру ақоиди худро пешниҳод кардааст.

Сипас устодони дигар низ саволҳои худро пешниҳод намуданд.

– Савол. Муҳаббатов А.: Дар бораи калимаи “чакан” маълумот диҳед?

–Ҷавоб: Чакан, як навъи санъати гулдӯзӣ дар матоъ, ки асосан дар вилояти Хатлон дар байни занону духтарон густариш ёфтааст. Санъати чакандӯзӣ навъе аз тарзҳои дӯхтани гулҳо, нақшунигор ва тасвирҳои рамзнок бо риштаҳои ранга дар матои пахтагин ва абрешимӣ мебошад. Дар гулдӯзии чакан тасвирҳои рамзнок ва мазмунҳои мифологӣ оид ба табиати атроф, кайҳон, орзую омоли мардум истифода мешаванд.

–Савол. Камолзода Х.: Оид ба этнолингвистика кадом муҳаққиқони тоҷик пажуҳиш кардаанд?

–Ҷавоб: Муҳаққиқон Саймиддинов Д., Назарзода С., Исмоилов Ш., Ҷӯраев Ғ., Маҷидов Ҳ., Султон Ҳ.Б., Ҷамшедов П., Искандарова Д. М., Алиев Б.П., Мирбобоев А., Матробиён С., Ҳасанова М. И., Назаров М. М., Кабиров Х. Ш. оид ба этнолингвистика таҳқиқот бурдаанд.

– Савол. Абдулҳадов Ҷ.: Калимаҳои ҳамзамонӣ ва таърихӣ чӣ маъно доранд?

–Ҷавоб: синхронӣ ва диахронӣ.

– Савол. Сулаймонӣ У.: Дар Эрон ба ҷойи истилоҳи “лаҳҷа” кадом истилоҳ кор фармуда мешавад?

–Ҷавоб: Дар Эрон аслан истилоҳи гӯйиш истифода мешавад.

– Савол. Мамадназаров А.: Дар бораи этнолингвистикаи тоҷикони Чин кӣ таҳқиқот бурдааст?

– Ҷавоб: Дар бораи сотсиолингвистикаи тоҷикони Чин муҳаққиқ Кабиров Хуршед таҳқиқот кардааст ва дар шакли монография рисола чоп намудааст.

Баъди анҷом ёфтани қисмати саволу ҷавоб муҳокимаи рисола оғоз гардид. Рисола аз ҷониби профессорон Хоҷаев Давлатбек, Саломиён Муҳаммаддовуд ва Мухторов Зайниддин хонда шуда, ҳар яке дар навбати худ фикру андешаҳои хешро дар робита ба диссертатсияи доктории Шодиев Р. А. иброз доштанд.

1. Профессор Саломиён М. таъкид намуд, ки рисоларо бо таваҷҷуҳи зиёд хонда ва аҳаммияти рисолаи мазкурро дар нуктаҳои зерин мебинад:

1. Мазмуну мундариҷаи рисола хеле хуб омода шудааст ва ҷавобгӯи талаботи навишти рисолаҳои илмӣ мебошад;

2. Дар робита ба гӯйишҳои минтақаҳои Тоҷикистон аз нуқтаи назари этнолингвистӣ ва гӯйишҳои минтақавӣ ҳамчун як ҷузъи том ҳанӯз таҳқиқоти маҷмуӣ сурат нагирифтааст ва таълифи диссертатсияи мавриди назар дар ин замина холигоҳи пажуҳиширо пур мекунад;

3. Дастоварди муҳимми рисола ин мавриди пажуҳиш қарор додани мафҳуми регионолект дар этнолингвистика мебошад.

Пешниҳоду эродҳо:

1. Дар рисола таҳлили таърихӣ бештар аст. Аз ин рӯ, агар номи мавзуъ ҷои “Пажуҳиши этнолингвистии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб” (таҳқиқи

таърихӣ ва ҳамзамонӣ) – “Пажуҳиши таърихӣ ва этнолингвистии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб” (таҳқиқи таърихӣ ва ҳамзамонӣ) номида шавад, беҳтар мебуд. Албатта, ин пешниҳод аст;

2. Фасли “Этногенез ва таърихи этникӣ – объекти муҳимми этнолингвистика” пурра назариявӣ омадааст, мисолҳо камтар ҳастанд. Хуб мешуд, ки мисолҳо дар ин фасл бештар оварда мешуд;

3. Дар боби сеюми рисола фасли нуҳум ба шакли ҷумла омадааст, ки онро бояд тағйир дод;

4. Иқтибосҳои овардашуда ҳам дар шакли русӣ ва ҳам тарҷумаи тоҷикиаш оварда шудааст. Ба фикри ман тарҷумаи тоҷикиаш оварда шуда, манбаъ зикр карда шавад, кофӣ аст;

5. Номи баъзе минтақаҳо нодуруст оварда шудаанд;

6. Дар рисола ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ ҳастанд, ки ислоҳи онҳо барои пурра гардидани ҳусни кор мусоидат менамоянд.

Хулоса, кор шоистаи дастгирӣ буда, баъди ислоҳи камбудиҳо ба дифоъ пешниҳод карда шавад.

2. Профессор Мухторӣ Зайниддин арзиши диссертатсияро мусбат арзёбӣ намуда, ҳамчунин андешаҳои худро дар мавриди камбудиҳои рисола изҳор дошт:

1. Муҳаққиқи этнолингвисти чех Алиференко Н. Ф. дар бораи забонҳои соҳибхат, бехат пажуҳиши арзишманде анҷом додааст, Нуктаҳои меҳварӣ барои дифоъ бояд пурқувват карда шавад;
2. Навгонии кор мушаххас карда шавад;
3. Ба ҷанбаҳои этнолингвистии вожаҳо таваҷҷуҳи бештар карда шавад;
4. Жанрҳои гуногуни фолклорӣ дар этнолингвистика таҳқиқ карда шавад;
5. Хулосаро фишурда, яъне камтар кардан лозим аст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи мазкур кори анҷомёфта буда, бо ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ба дифоъ пешниҳод карда шавад.

3. Дотсент Дӯстов Ҳамрохон низ зикр кард, ки рисолаи доктории мазкур кори анҷомёфта буда, барои равшанӣ андохтан ба ҷанбаҳои гуногуни этнолингвистика дар гӯйишҳои минтақаи мавриди назар аз аҳаммият холӣ нест. Дастовардҳо дар рисола зиёданд. Сохтори кор ба талаботи КОА ҷавобгӯ мебошад. Дар кор баъзе нуктаҳо бознигарӣ мехоҳад, ки ислоҳи онҳо бар нафъи кор хоҳад буд:

1. Иқтибосоти илмӣ хеле зиёд аст ва онҳо бояд дар дохили қавси мураббаъ бояд бошанд. Инчунин, баъзе фаслҳо бо иқтибос шуруъ мешаванд;

2. Дар зери ҳар як боб хулоса даркор нест;

3. Дар фасли 5-уми боби чорум калимаҳо бештар таҳлил шаванд;

4. Адабиёти илмии навин илова карда шавад.

Хулоса, кор бо бознигарӣ ба ҳимоя пешниҳод карда шавад.

4. Дотсент Муҳаббатов Абдулфазл гуфт, ки диссертатсия бо услуби хуби илмӣ омода гардида, шоистаи таҳсин мебошад. Баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ дар рисола ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар рисола хатоҳои услубӣ дида мешаванд (саҳ.5, 17, 34);
2. Дар саҳифаи 32 иқтибос аз китоби Эмомалӣ Раҳмон аст, аммо манбаъ нишон дода нашудааст;
3. Ҳангоми таҳқиқи гӯйишҳои ҷануби забони тоҷикӣ ва фолклори Кӯлоб ягон дигаргунӣ ё таҳаввулоти ба вуҷудомада нишон дода нашудааст.

5. Дотсент Абдулҳадов Ҷумъахон изҳор дошт, ки рисола бо шеваи хуби илмӣ рӯи кор омада, маводи ғаниро дар бораи гӯйишҳои мавриди назар

гирдоварӣ намудааст. Дар рисола баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба мушоҳида мерасанд:

1. Дар рисола овардани баёния ё таъбирҳои ба мисли “тавре ки маълум аст” шарт нест;

2. Навгонии илмии таҳқиқро бояд мукаммал намуд;

3. Иқтибосҳо дар рисола зиёд дида мешавад ва онҳо тулонӣ мебошанд. Сарчашмаҳо дида намешавад;

4. Номи донишманд Мақдисӣ дар ду шакл омадааст, ҳам Мақдисӣ ва ҳам Муқаддасӣ;

5. Фикрҳои олимон Равшан Раҳмонӣ, Файзалӣ Муродов ва Рачаб Амоновро дар рисола овардаед, аммо фикру хулосаҳои худро иброз накардаед.

Хулоса, рисола баъди ислоҳ ба дифоъ пешниҳод карда шавад.

6. Профессор Давлатбек Хочаев иброз намуд, ки диссертатсияи доктории Шодиев Р. А. кори анҷомёфта буда, муҳаққиқ пухта расидааст. Баъзе норасоиҳои ҷузъӣ дар рисола ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст:

1. Муқаддима ва хулосаи кор оина аст. Дар муқаддима таҳқиқи назариявӣ шудааст, аммо навгонии он камтар аст. Навгонии рисоларо бояд илова намуд;

2. Вазифаҳои таҳқиқ ва нуктаҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, бознигарӣ карда шаванд;

3. Дар хулоса бандҳои зиёд омадааст, гапҳои умумиро бардошта, муттаҳид намоед;

Хулоса, кор баъди ислоҳи камбудиҳо ба ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Баъди анҷоми фикру андешаҳои донишмандоне, ки диссертатсияро мутолиа кардаанд, навбат ба устодоне дода шуд, ки фишурдаи диссертатсияро хондаанд.

1. Профессор Мамадназаров Абдусалом фишурдаи корро хонда, дар робита ба он таъкид намуд, ки воқеан ҳам муаллиф заҳмати зиёд ба харҷ дода, кори арзишмандеро ба анҷом расонидааст. Дар баробари ин, дар фишурда баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд. Пешниҳод ва эродҳо:

1. Рӯйхати адабиёт ислоҳ карда шавад. Дар навишти номи муаллифон дугунагӣ дида мешавад;

2. Хулосаи кор ниҳоят зиёд аст, онро мушаххас кардан лозим аст;

Хулоса, бо ислоҳи эродҳо кор шоистаи таҳсин аст ва ба дифоъ пешниҳод карда шавад.

2. Дотсент Исмонов Кароматулло қайд кард, ки фишурдаи кор хуб мавзуъбандӣ шуда, оид ба ҳар як мавзуъ исботи он вуҷуд дорад. Ислоҳи баъзе камбудиҳо мувофиқи мақсад хоҳад буд:

1. Дар саҳифаи 22 иқтибосҳо ҳам ба тоҷикӣ ва ҳам ба русӣ оварда шудааст, ки гунаи тоҷикии он оварда шавад ва русиашро ҳазф кунед;

2. Хулосаи диссертатсия васеъ аст, онро камтар бояд кард ва ақидаи донишмандон дар хулоса оварда нашавад;

3. Дар баъзе иқтибосҳо саҳифа нишон дода нашудааст.

Хулоса, бо назардошти баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба дифоъ пешбарӣ гардад.

3. Дотсент Камолов Хуршед оид ба фишурдаи кор суханронӣ карда, дастовардҳои рисоларо таъкид намуд. Қайд карда шуд, ки забони фишурдаи рисола забони равон аст, вале баъзе камбудиҳои техникӣ вуҷуд дорад, ки аз ҷумлаи онҳо бо меъёри ягона навиштани калимаҳо тибқи имлои тоҷикӣ мебошад.

4. Профессор Сафаров У. оид ба фишурдаи диссертатсия сухан ронда, ислоҳи баъзе камбудиҳоро мувофиқи мақсад донист.

1. Нуктаҳои аслии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро бояд бознигарӣ кард;

2. Бандҳои хулоса зиёд аст, онро бояд мушаххас кард;

3. Хатоҳои имлоӣ ва техникиро ислоҳ бояд кард.

Хулоса, фишурда ба меъёри таҳияи фишурдаи рисолаи докторӣ ҷавобгӯ буда, баъди ислоҳ ба дифоъ пешниҳод гардад.

Баъди натиҷагирӣ аз қисмати муҳокимаи рисолаи доктории Шодиев Р. А. ва бо назардошти фикру андешаҳои баёнгардида қарори ҷаласа ба тасвиб расид.

Қарор карда шуд:

1. Рисолаи доктории унвонҷӯ Шодиев Р. А. дар мавзуи “Пажуҳиши этнолингвистии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб” (таҳқиқи таърихӣ ва ҳамзамонӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз руйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ кори илмии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Бо назардошти ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта диссертатсия ба Шурои дифоъ пешниҳод карда шавад.

Мудири кафедраи филологияи Эрон,
доктори илми филология, профессор Сафаров Умархоҷа
тел.: (+992) 985786711
почтаи эл: umar_safar@mail.ru

Мудири кафедраи таърихи забон ва типология,
номзади илми филология, дотсент Камолзода Хуршед
тел.: (+992) 907724706
почтаи эл: khkamolov@gmail.com

Котиби илмӣ: номзади илми филология,
дотсент Қосимов Ҷумъахон
тел.: (+992) 918780706
Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон: **(+992-37) 221-77-11** Факс: **(+992-37) 221-48-84**
E-mail: **info@tnu.tjint.re@gmail.com** http://www.tnu.tj

Имзои: Сафаров У., Камолзода Х. ва Қосимов Ҷ.-ро
«Тасдиқ мекунам»
сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э. Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ